**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, телефон: (+992 34) 6-52-73
Факс: 6-75-18; E-mail: rector@hgu.tj

№ 01/4628 аз « 08 » 09 20 23 с.

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», доктори илмҳои таърих, профессор,
_______________ Усмонзода А.И.
« 8 » сентябри соли 2023

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбари диссертатсияи Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)**

Дар пешрафти замони муосир техникаву технологияҳои иттилоотӣ нақши назаррасро соҳиб буда, бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ (минбаъд – БКК) яке аз самтҳои босуръат инкишофёбанда ва шакли маъмули таъминоти барномавӣ ба шумор мераванд. Бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ на танҳо василаи дилхушиву фароғатанд, инчунин онҳо вобаста ба синнусол ҳамчун воситаи таълим низ маҳсуб меёбанд, ки тасдиқгари он теъдоди таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самтанд.

Истифодаи мувофиқи технологияҳо барои ташкилоту муассиса ва ширкатҳои соҳаҳои мухталиф воситаи ҳаётан муҳими ноил шудан ба

Дар ин раванд, муҳити мактаби олӣ низ истисно набуда, технологияҳои компютерӣ, аз ҷумла бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ дар он ҷо ба таври васеъ истифода гардида, қисми технологияҳо барои дастгирии ҷараёни таълим ва сохтори он, бахусус дар ҳалли масъалаҳои маъмурӣ пешбинӣ шудаанд. Бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ ба донишҷӯён барои таҳқиқ ва татбиқи донишҳои назариявии худ дар муҳити бехатари моделсозишуда, ки воқеиятро инъикос мекунад, имконият фароҳам меоранд.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои марбут ба самти таҳсилот як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатӣ таҳияву қабул гардидаанд, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олӣ, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғайра.

Аз ин нигоҳ, мавзӯи рисолаи илмии Умарзода Сафаралӣ Умар воқеъан яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогика ва методикаи таълими информатика буда, омӯхтанашуда ва замонавӣ ба шумор меравад. Матни кори илмӣ мазмуну мундариҷа ва натиҷаҳои ҳосилкардаро пурра инъикос мекунад.

Бозиҳо аслан таърихи тӯлонӣ дораид ҳарчанд истифодабарандагон асосан бозиҳоро ҳамчун як воситаи фароғат баррасӣ мекунанд, вале бо вуҷуди ин онҳо ҳадафи таълимӣ низ дошта метавонанд. Бозиҳое, ки дар онҳо имкониятҳои таълимӣ (дар ҳама гуна шакл) аҳамияти аввалиндараҷа ва омили фароғатӣ аҳамияти дуюмдараҷа доранд, «бозиҳои ҷиддӣ» номида мешаванд, зеро ин бозиҳо таълиму тарбия медиҳанд ва сатҳи маълумотнокиро баланд мебардоранд. Таълим на танҳо аз назария ва амалия иборат аст, балки дар баробари он бозиҳои ҷиддиро барои баланд бардоштани сатҳи маълумотноки бозингарон дар баъзе масъалаҳо, масалан, дар бораи муҳити атроф, саломатӣ, андешаҳои сиёсӣ ва ғайра низ истифода бурдан мумкин аст.

*Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ* аз он иборат аст, ки ҷараёни таълим бо истифодаи БКК дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ба ташаккули салоҳиятнокии иттилоотию компютерӣ ва баланд бардоштани сифати таълими донишҷӯён дар шароитҳои иттилоотикунонии ҷараёни таълим.

*Вазифаҳои асосии тадқиқот:*

1. Муайян кардани хусусиятҳои хоси муҳити иттилоотию таълимии муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ бо истифодаи БКК дар речаи онлайн ва оффлайн.
2. Ошкор намудани маҷмуи хосиятҳои назарраси БКК вобаста ба сохтор ва вазифа.
3. Мукаррар намудани маҷмуи хусусиятҳои салоҳиятнокии иттилоотӣ-компютерии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ.
4. Муайян кардани шароитҳои педагогии истифодаи БКК дар раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти омӯзгорӣ.
5. Таҳия ва таҷрибаи экспериментални модели ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ бо истифодаи БКК.

*Мақсади таҳқиқот* исботи назариявӣ ва таҷрибаи экспериментални истифодаи БКК дар ҷараёни таълими муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ.

*Асосҳои назариявии таҳқиқот* дар омӯзиши назариявии сатҳи ташаккули салоҳиятнокии иттилоотию компютерӣ истифодаи БКК самти навро мекушояд, яъне: таҳия, татбиқ ва истифодаи самараноки БКК дар ҷараёни омодагии касбии омӯзгорони оянда мутобиқи талаботҳои муосири таълимӣ.

Бахусус, асосҳои методологии таҳқиқот аз ду ҷиҳат муфид шуда метавонанд. Якум, аз таҳқиқот бармеояд, ки омӯзгорон на ҳамеша дар ҷараёни дарс БКК-ро дуруст татбиқ ва истифода бурда метавонанд. Андеша дорем таҳқиқоти мо ба онҳо дар ин самт бо баррасии ҳаматарафаи омилҳои ошкоршуда кӯмак хоҳад расонд.

Омӯзгорон метавонанд интизориҳои донишҷӯёнро беҳтар дарк карда, табодули таҷриба ва роҳу усулҳои шавковар гардонидани дарсро такмил диҳанд. Дуюм, мо ба таҳқиқоти худ ҳамчун саҳм гузоштан дар соҳаи таҳқиқоти илмӣ баҳо медиҳем, зеро он барои таҳқиқоти минбаъда ва ё таҳияи воситаҳои таълимӣ дар истифодаи БКК метавонад заминагузор бошад.

*Пойгоҳи таҳқиқот.* Факултети иқтисод ва идора (ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва идоракунӣ дар соҳаи маориф)-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пойгоҳи таҳқиқот интихоб гардида, дар озмоиши педагогӣ 60 нафар донишҷӯёни муассисаҳои таълимии мазкур иштирок карданд.

*Навгониҳои илмии таҳқиқот* аз он иборат аст, ки ҳангоми таҳқиқи асосҳои педагогии истифодаи БКК дар ҷараёни таълим дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ:

1. Мафҳуми сохтор ва моҳияти усулҳои истифодаи БКК дар ҷараёни таълими фанҳо ба донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ошкор карда шуд.
2. Имкониятҳои инкишофи салоҳиятнокии иттилоотию компютерии донишҷӯён бо истифодаи БКК дар муҳити иттилоотию таълимӣ муайян гардиданд.
3. Барои истифодаи БКК ва воситаҳои технологӣ дар реҷаҳои онлайн ва офлайн дар муҳити иттилоотию таълимӣ, инчунин технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамгироӣ бо намудҳои гуногуни фаъолияти таълимии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд.
4. Шароитҳои педагогии истифодаи БКК (барномавию мазмунӣ, методӣ, шахсиятию инкишофдиҳанда, аксиологӣ ва таъминкунандаи самаранокӣ), ки ба мутобиқгардонии ҷараёни омодагии донишҷӯён равона шудаанд, муайян гардиданд.

*Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:*

1. Методикаи истифодаи бозиҳои таълимии компютерӣ дар таълими фанҳои гуногун ба донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ асосҳои назариявӣ-сохторӣ ва тавсифҳои моҳиятии БКК, истифодаи мувофиқи бозиҳои таълимии компютерӣ дар доираи иттилоотӣ ва таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; моделҳои таълимӣ бо истифодаи бозиҳои таълимии компютерӣ, ки салоҳиятнокии иттилоотӣ-компютерии донишҷӯ-бакалаврро пешбинӣ мекунанд; таркиб, сатҳ, нишондиҳанда ва меъёрҳо, ки андозаи ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ-компютериро нишон медиҳанд, дар бар мегирад.
2. Усулҳои истифодаи БКК дар низоми зеҳнии мутобиқшавандаи таълим ба инкишофи фаъолияти мустақилонаи гуногуни донишҷӯён мусоидат карда, имкон медиҳанд малакаҳои истифодаи амалии донишҳои иловагиро аз худ кунанд.
3. БКК – воситаи педагогӣ ва шакли фаъоли таълим буда, бо воситаи он фаъолияти таълимӣ мустаҳкам ва вазъиятҳои идорӣ, иқтисодӣ, психологӣ, педагогӣ моделсозӣ ва маҷмуи амалҳои комилан мутобиқ дар оянда таҳлилу коркард мегардад.
4. Татбиқи БКК дар ҷараёни таълим дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ ҳамгироии фанҳои дақиқ ва табиию математикӣ ба мисли «Иқтисодиёт ва идоракунӣ», «Информатика», «Математика», «Технологияи муосири коммуникатсионӣ»-ро бо фанҳои гуманитарӣ аз ҷумла «Педагогика» ва «Психология» таъмин менамояд.

*Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:*

– консепсияи инкишофи шахсият дар бозӣ Л.С. Виготский, А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн, Д.Б. Элконин ва дигарон;
– таҳқиқи назарияи БКК А.А. Вербитский, А.Д. Гартсов, Ю.В. Геронимус, С.Р. Гидрович, Д.Н. Кавтарадзе, М.М. Крюков, А.П. Панфилова, Л.В. Федорова ва дигарон;
– консепсияи фаъолияти бозии компютерӣ-коромӯзӣ ва хусусиятҳои тағири шахсият дар ҷараёни ҳамкорӣ бо технологияҳои иттилоотию компютерӣ А.О. Рикун, Л.П. Тимофеева, А.Г. Шмелев ва дигарон;
– таҳқиқи масъалаҳои истифодаи БКК дар соҳаи таҳсилоти олӣ Т.М. Назарова, И.А. Ҳасанов, Ш.С. Муродова, К.Б. Қодиров ва дигарон;
– таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ оид ба таҳия ва истифодаи БКК Колер Б., Лонг Гавин, Че Пӣ Нейм, Арсанд Пол Андрей, Юсоф Амрӣ ва дигарон.

Боби якуми диссертатсия ***«Асосҳои назариявии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ»*** ба ташкили пойгоҳи адабиётӣ барои таҳлил равона гардида, аз муҳокимаи алоҳидаи консепсияҳои бозӣ ва моделсозӣ оғоз гардида, ба БКК ва истифодаи онҳо дар ҷараёни таълими мактаби олӣ диққати махсус медиҳад. Дар идома бартариҳо ва норасоиҳои БКК пешниҳод шуда, илова ба ин, назария ва равишҳои таълим низ баррасӣ ва якчанд воситаҳои таълим муаррифӣ мешаванд.

Дар зербоби якуми боби якум ***«Асосҳои назариявии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ»*** зимни таҳқиқи таҷрибаи истифодаи БКК ва бозиҳои дидактикӣ дар ҷараёни таълим ошкор гардид, истилоҳи «бозиҳои компютерии коромӯзӣ» қаблан дар таҷрибаи таълим кам мавриди истифода қарор дошт. Дар муайян кардани нишонаҳои муҳими бозиҳои компютерии коромӯзӣ мафҳумҳои «бозии дидактикӣ», «бозии коромӯзӣ», «бозии компютерӣ», «бозии компютерии таълимӣ» ва «бозии компютерии коромӯзӣ»-ро фарқ кардан лозим аст. Илова ба ин, мутобиқати БКК бо дигар воситаҳои таълимии дар дарс истифодашаванда ва риояи таносуби ҷоиз бо таълими амалӣ ва назариявӣ шарти муҳим ҳисобида мешавад.

Дар зербоби дуюми боби якум ***«Заминаҳои рушди технологияҳои компютерӣ дар татбиқи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ»*** қайд мешавад, ки БКК функсияҳои таълимӣ ва инкишофдиҳанда доранд. Ин далел ба натиҷаҳои таълим ишора мекунад, ки дар донишомӯзӣ ва мутобиқати сатҳи таҳсилот азхудкунии малакаю мустақилият асос ёфта, тағйири самти низоми таҳсилотро бо роҳи гузариш аз модели ба омӯзгор нигаронидашуда ба модели ба донишҷӯ нигаронидашуда талаб менамояд, яъне тағъири усулҳои таълим ва

таҳияи дурнамои мусоидаткунанда ба инкишофи салоҳияту малакаҳо на танҳо дар сатҳи илмӣ, балки дар сатҳи ахлоқию шахсӣ.

Бо воситаи зербоби сеюми боби якум масъалаҳои ***«Шароитҳои психологию педагогии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ»*** таҳлил ва қайд шудааст, ки ҳангоми истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълим механизмҳоеро ба назар гирифтан лозим аст, ки дар онҳо донишҷӯён бо БКК ҳамкорӣ карда, ба натиҷаҳои ҷорӣ баҳо медиҳанд.

Дар боби дуюм ***«Заминаҳои методии амалисозии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ»*** мо кӯшиш ба харҷ додем сабабҳои ихтилоф дар афкори омӯзгорон ва донишҷӯёнро таҳлил ва баъзе далелҳоро аз нуқтаи назари шахсии онҳо пешниҳод намоем. Омилҳои муҳими муваффақият низ муайян гардиданд, ки омӯзгорон онҳоро ҳангоми татбиқи БКК дар ҷараёни таълими мактаби олинсамти омӯзгорӣ бояд ба назар гиранд.

Бо воситаи зербоби якуми боби дуюм ***«Роҳу воситаҳои амалисозии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ»*** муайян гардидааст. Дар маҷмӯъ онҳо БКК-ро ҳамчун воситаи беҳтарини таълим қабул мекунанд ва ба ақидаи мо нисбат ба онҳое, ки аз БКК истифода намебаранд, омӯзгорон-истифодабарандагон ба БКК баҳои беҳтар дода метавонанд, зеро онҳо дар ин самт таҷрибаи амалӣ доранд.

Бо воситаи таҷрибаи экспериментолӣ бо роҳи пурсиши анкетавӣ фаъолияти ҳар як омӯзгор таҳлил гардид, дар он 60 нафар донишҷӯ ва 10 нафар омӯзгорони мактабҳои олии омӯзгорӣ иштирок карданд.

Дар доираи саволнома ба омӯзгорон саволҳои зерин пешниҳод шуданд:

1. Кадом адабиёти электрониро дар ҷараёни таълим истифода мебаред?
2. Шумо бозиҳои таълимии компютериро дар дарсҳо истифода мебаред?
3. Аз кадом сарчашмаҳо барои гирифтани маълумот дар бораи технологияи нави таълим бештар истифода мебаред?
4. Маҷмӯи кадом функсияҳо бо бозиҳои таълимии компютерӣ дар дарсҳо иҷро карда мешаванд?
5. Омӯзгор таҳияи БКК-ро бо кадом роҳу усул омӯхта метавонад?

Натиҷаҳои саволнома барои 10 нафар омӯзгорони мактабҳои олӣ нишон дод, ки аксарияти омӯзгорон аз презентатсия (8 аз 10), флипчарт (8 аз 10), китобҳои дарсии электронӣ (5 аз 10) ва тестҳои компютерӣ (6 аз 10) истифода мебаранд.

Дар ин қисмат аз донишҷӯён хоҳиш кардем баъзе ченкаҳоеро нишон диҳанд, ки бо воситаи онҳо сифати бозиро беҳтар гардонидан мумкин аст.

Пешниҳодҳое, ки бештар садо медоданд чунин буданд: беҳтар гардонидани интерфейс, макет (амсила), график ва дизайн. Илова ба ин, баъзе донишҷӯён пешниҳод намуданд, ки мазмуни бозӣ ҷолибтар ва воеитар карда шавад, чун онҳо дар бозӣ ҷанбаҳои воеиро камтар мебинанд (масалан, иловаи ягон тасвир, садо, видео). Инчунин пешниҳод гардид, ки бозӣ тағйирёбанда ва дорои «меню»-и давра ба давра ивазшаванда бошад. Дар баробари ин, донишҷӯёни дигар пешниҳод карданд, ки омӯзгорон дар бораи бозӣ шарҳи бештар диҳанду дастурамалҳои мушаххаси чӣ тавр бозӣ кардан ва чигунагии амали бозӣ дастрас гарданд. Баъзе донишҷӯён қайд карданд, ки маълумоти пеш аз ҳар як марҳилаи бозӣ пешниҳодшаванда баъзан душвору начандон фаҳмоянд. Барои қисме аз донишҷӯён алоқаи баръакс қонеъкунанда набуд, онҳо дар бораи амал ва беҳтаргардонии натиҷаҳои бадастовардаашон, инчунин, дар бораи оқибатҳои қарорҳои қабулкарда ва амалҳои рақибонашон мулоҳизаҳои бештар гирифтан мехостанд.

Зербоби дуюми боби дуюм ***«Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии кормӯзӣ дар ҷараёни таълими омӯзгорони ояндаи фанни иқтисодиёт дар мактаби олӣ»*** ба таҳлили масъалаҳо вобаста ба мазмуни ин зербоб баҳогузорӣ намудааст.

Дар ин боб бо мақсади татбиқи БКК дар ҷараёни омодагии мутахассисони оянда дарси «Назарияи иқтисодӣ» барои донишҷӯёни курси 2-юми ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва идоракунӣ дар соҳаи маорифи факултети иқтисод ва идоракунии ДДОТ ба номи С.Айнӣ ташкил ва машғулиятҳои лабораторӣ бо истифодаи БКК «Худатро санҷ» гузаронида шуданд.

Ҳамин тавр, сарчашмаҳои электронии таълим бозиҳои таълимии компютериро, ки системаи зеҳнию мутобиқшавандаи таълим ва бозии бисёристифодабарандаи компютерӣ доранд, дар бар мегиранд.

Инчунин, дар вақти истифодаи ББК дар ҷараёни таълим маҷмуи механизмҳои ҳамкории донишҷӯён бо системаҳои тестиро ба инобат мегиранд ва ин системаҳо бояд ба идора ва иҷрои сенария, ки ба натиҷаҳои ҷории таълимии дарсдиҳӣ баҳо медиҳанд мутобиқ бошанд.

Бо баробари муваффақиятҳо дар рисола каме норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар тадқиқотҳои худ аз корҳои илмии дотсентони кафедра Аҳруллоев В. ва Маҳмудов И., ки бештар ба ҳамин самт равона шудааст, истифода мешуд боз беҳтар мешуд.
2. Дар автореферат ва диссертатсия калимаи флипчар навишта шудааст, ки он бояд флипчарт бояд навишта шавад.
3. Инъикоси методҳои тадқиқотӣ дар автореферат бояд дарҷ гарданд.

4. Новобаста аз он, ки меъёри забони адабӣ ва услуби баёни маводи илмӣ-таҳқиқотӣ ба меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик тибқи талабот мебошад вале баъзе хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дар рисола ба назар мерасад. Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар охир, хулоса кардан мумкин аст, ки натиҷаҳои кори илмии тадқиқоти Умарзода Сафаралӣ Умар муҳтавои асосии соҳаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) пурра мувофиқ буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илмҳои педагогика, методикаи таълими информатика ба таҳлили назариявӣ ва амалии робитаҳои системавӣ ва қонуниятҳои коркарду корбурди объектҳои мураккаби тадқиқотӣ – системаҳои таҳсилотию иттилоотӣ ва махзанҳои маълумот, ки бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ба асоснокқунии назариявии ташкили методӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва болобарии самаранокии идоракунии сифати таълим бахшида шудааст.

Натиҷаҳои илмии тадқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи педагогика ва методикаи таълиму тарбия насли ояндаи кишвар, ки фарогири масъалаи муносибати босалоҳият дар таҳсилот ва санҷиши объективонаи дониши донишҷӯён мебошанд, дар рушди методикаи таълими информатика саҳми босазо гузошта метавонанд.

Тасдиқи асоснокии нуктаҳои калидии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ бар пояи методологияи таҳлили системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, технологияҳои амсиласозию барномасозӣ, усулҳои назарӣ ва амалии мутобиқ ба мавзӯъ, мақсад, вазифаҳои тадқиқот ва натиҷаи озмоишҳои педагогӣ устуворона пойбарҷо буда, пойгоҳи асоснокӣ ва мӯътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсияро хулосаву тавсияҳои дар он шаклгирифта, натиҷаҳои илмии бо истифода аз усулҳои санҷидашудаи педагогӣ бадастомада, боэътимодӣ ва миқдори кифояи таҷрибаҳои педагогӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, озмоишҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, вебинарҳо ва нашри маводи илмии тадқиқот ташкил додаанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуалифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро

инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, кори илмии Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзӯи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика), сазовор мебошад.

Тақриз аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар семинари илмии васеъи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 7-уми сентябри соли 2023, протоколи №2 омода гардида, тасдиқ гардидааст.

Раиси семинар, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент — Саидзода Диловар Абдулаҳад

**Экспертон:**

доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он — Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович

номзади илмҳои педагогӣ, и.о. дотсенти кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотӣ — Абдулакимова Ҷанатой Абдурауфовна

номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотӣ — Мирзоходжаев Музаффарджон Дадоевич

мудири кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Раҷабова Саодат Джамоловна

Котиби семинар Латифӣ Мафтунахон

ҶМ

**Суроға:** 734048, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,
маҳаллаи 17-ум, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Тел: (+992 34) 2-26-52-73.
E-mail: ittiloothgu@mail.ru

Тасдиқ мекунам Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Э.М. Наврӯзов